# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 23-юми майи соли 2026, №101**

**Дар бораи сазовор донистани Қурбонзода Афзуна Азим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 7-уми марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Қурбонзода Афзуна Азим 11-уми ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети педагогии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аз рӯйи ихтисоси психология дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 бо дипломи аъло хатм кардааст. Ҳамчунин мавсуф соли 2016 ба шуъбаи рӯзонаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқи иқтисодӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намуда, соҳиби дараҷаи магистри ҳуқуқ гардидааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2016 то ҳол ба сифати ассистент, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология, аз соли 2021 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи педагогика ва психология, аз соли 2022 декани факултети педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият дорад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонои номзадӣ 20 сентябри соли 2023, таҳти №1095 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он борҳо муҳокима карда

шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (23-юми январи соли 2026, суратмаҷлиси №1).

**Роҳбари илмӣ: Қудратов Некрӯз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

– **Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» мебошад.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, омода гардида, аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. санаи 27-уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Қобили зикр аст, ки рисолаи илмии мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, бо пайдарҳамии мантиқӣ, услуби илмӣ ва таҳлили амиқи масъалаҳои мавриди омӯзиш фарқ менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавзӯи таҳқиқ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳлил имконият фароҳам оварданд, ки ҷанбаҳои мусбат ва дастовардҳои меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда муайян карда шуда, ҳамзамон як қатор мушкилот, камбудиҳо ва норасоиҳои мавҷуда ошкор гарданд. Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодашуда пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-назариявӣ ва амалиро

манзур намудааст, ки онҳо ба такмили заминаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои мазкур, бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи қонунгузорӣ равона гардидаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-А]. Курбонова, А.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Законодательство. – 2022. – №1 (45). – С. 118-125; ISSN 2410-2903.

[2-А]. Курбонова, А.А. Нақши Паёми Пешвои миллат дар коҳиш додани сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. А. Қудратов, А.А. Қурбонова, С.И. Ҳабибов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №. 3(55). – С. 70-78. ISSN: 2305-0535

[3-А]. Қурбонзода, А.А. Дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025. - № 4 (68). - С. 154-164. ISSN: 2412-141X

[4-А]. Қурбонзода, А.А. Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии тарафи субъективии ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2026. - №1. - С. 287-297. ISSN: 2413-5151

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-А]. Қурбонова, А.А. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистон [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №3 (37). – С. 285-291; ISSN 2308-054X.

[6-А]. Қурбонова, А.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4/1 (38). – С. 288-293; ISSN 2308-054X.

[7-А]. Қурбонова, А.А. Тавсифи умумии субъекти ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №1 (40). – С. 365-370; ISSN 2308-054X.

[8-А]. Кудратов, Н.А., Курбонова, А.А. Особенности субъекта измены государства [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: Сборник научных статей по итогам работы третьего круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты, 16 марта 2020 года). – Шахты: Общество с ограниченной ответственностью «КОНВЕРТ», 2020. – Том Часть 1. – С. 102-104.

[9-А]. Курбонова, А.А. Некоторые вопросы определения субъективной стороны диверсии [Текст] / А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: сборник научных статей по итогам работы девятого круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты: Донской государственный технический университет, 29-30 сентября 2020 года). – Шахты: ООО «Конверт», 2020. – Том Часть 1. – С. 124-126.

[10-А]. Қурбонова, А.А. Саломатӣ ҳамчун объекти ҷиноят [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 129-134.

[11-А]. Қурбонова, А.А. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 118-120.

[12-А]. Қудратов, Н.А., Мирзоева, Қ.А., Сафарова, З.М., Қурбонова, А.А. Пешгирии киберҷиноятҳо [Матн] / Н.А. Қудратов, Қ.А. Мирзоева, З.М. Сафарова, А.А. Қурбонова // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), (27-28 декабри соли 2022) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. – С. 255-261.

[13-А]. Курбонова, А.А. Социальная обусловленность уголовной ответственности за диверсии [Текст] // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. - С. 382-386.

[14-А]. Kuďratov N.A., Kurbonova A.A. Extremist religious education and its influence on the security in the Republic of Tajikistan: criminal - legal and criminological aspects [Text] / N.A. Kudratov, A.A. Kurbonova // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. - 2025. - №1(5). - С. 40-53

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Гайратов Т.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Шерализод С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Сафарзода Н.Ф.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Муҳаққиқ зикр намудааст, ки дар сатҳи диссертатсия муаллиф ба кам кардани синну соли субъекти ҷиноят аҳамият надодааст. Зеро агар тахрибкорӣ як намуди махсуси терроризм бошад, пас чаро субъекти он низ бамонанди терроризм аз 14 солагӣ оғоз намеёбад. Чунин таҷриба чи тавре, ки худи муаллиф навиштааст дар Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон дида мешавад. Фикри муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Муаллиф пешниҳоди ҷолиб ва назариявӣ асоснокро оид ба зарурати криминализатсияи намудани таълимот бо мақсади анҷом додани амалиёти тахрибкорона ироа намудааст. Бо вуҷуди ин, чунин пешниҳод тақозо менамояд, ки бо далелҳои иловагии илмӣ, аз ҷумла тавассути таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ, асосноккунии криминологӣ ва арзёбии хавфҳои иҷтимоӣ, боз ҳам мустаҳкам гардонида шавад. Ин имкон медиҳад, ки пешниҳод на танҳо аз нигоҳи назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалии татбиқ низ қобили қабул ва асоснок бошад.

3. Дар қисмати таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, гарчанде таҷрибаи давлатҳои узви ИДМ баррасӣ шудааст, вале истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷии дур (Аврупо, ИМА ва ғайра) метавонад доираи таҳқиқотро васеътар ва арзиши илмими онро баландтар намояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** дар асоси таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ (принсипи таърихият) рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз рӯйи ташаккул ва инкишофаш ба ду давраи асосӣ ҷудо карда шудааст: а) давраи Шуравӣ (солҳои 1917-1991) – ташаккулёбии ҷинояти тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузорӣ; б) замони истиқлол, дар сохтори таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, навъ ва андозаи ҷазо, аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят, шакли гуноҳ ва аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда тағйироти назаррас ба миён омаданд;

– **пешниҳод шудааст:** дар шароити муосири рушди технологияҳои рақамӣ ва шиддат гирифтани хатарҳои иттилоотӣ, истифодаи ғайриқонунии иттилоот бо мақсади тахриби иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлат, ки хусусияти тахрибкории киберӣ дорад, бояд ҳамчун объекти ҳамлаи ҷинояткорона ва предмети мустақими тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии на танҳо ҶТ, балки дигар кишварҳои ИДМ расман шинохта ва танзим карда шавад. Эътирофи чунин унсур дар доираи ҷинояти тахрибкорӣ ҷавобгӯи талаботи амнияти муосир ва мутобиқ ба равандҳои нави таҳдидҳои гибридӣ мебошад.

- **исбот шудааст:** мафҳуми тахрибкорӣ дорои хусусияти мураккаби сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, он бояд дар заминаи на танҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар робита бо омилҳои амнияти миллӣ ва геополитикӣ таҳлил ва арзёбӣ гардад. Дар таҳия ва пешниҳоди таърифи мукаммали тахрибкорӣ бояд унсурҳои зерин ба инобат гирифта шаванд: ангезаи сиёсӣ ё дигар ҳадафҳои зиддидавлатӣ; таъсиррасонӣ ба амнияти давлатӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ; шаклҳои иҷро: таркиш, сӯхтор, вайрон кардани инфрасохтор, иттилоот ва амнияти стратегӣ; субъекти махсус (аз ҷумла агенти хориҷӣ ё аъзои гурӯҳи муташаккили зиддидавлатӣ);

- **ҷорӣ намудан:** дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушаххас қонунияти пайдоиши манъи

ҳуқуқӣ–ҷиноят тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба монандӣ: – содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди тахрибкорӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди тахрибкорӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, муайян намудани рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курси махсуси «Бандубасти ҷиноятҳо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зуҳуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмуи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ,

системавию сохторӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

- **баён шуд,** ки чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрикборӣ аҳамияти махсус доранд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба омнандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

- **ошкор гардид:** Дар шароити муосир, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои нави биологӣ ва экологӣ рӯ ба рӯст, паҳн шудани моддаҳои заҳролудкунанда ва бемориҳои сироятӣ метавонад ҳамчун силоҳи тахрибкорӣ истифода шавад. Чунин шаклҳои тахрибкорӣ то ҳол дар м. 309 КҶ ҶТ ба таври алоҳида пешбинӣ нашудаанд, ки ин холигии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, ба мисли Россия, ИМА, Олмон ва дигар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, чунин амалҳо ҳамчун ҷиноятҳои алоҳида шомил ва ҷиддан ҷазо дода мешаванд. Бинобар ин, ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ низ бояд ин меъёрҳо ворид карда шаванд ва амалҳои зикршуда ба таври мустақим криминализатсия шаванд.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҷрибаи судӣ, омори Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз эътибор соқитшудаи замони Шӯравӣ.

- **аз нав такмил додани** меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷинояти тахрибкорӣ ва унсурҳои таркибии он ба таври назаррас амиқ ва рушд диҳанд ва имкон медиҳанд, то дар таркиби тахрибкорӣ чунин ҳолатҳо криминализатсия карда шаванд: а) кримализатсия намудани шакли муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона ва бо ҳамин мақсад ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ»; б) оқибатҳои амалҳои тахрибкориро

ба назар гирифта, ба диспозитисия м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо» зарур мебошад; в) кримализатсия намудан ва ба таркиби тахрибкорӣ ворид намудани чунин шаклҳои содир намудани амалҳои таҳрибкорона ва монанди заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намуданӣ эпидемия, эпизоотия ё эпифитотия. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ба сифати маводи методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос, истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

- **офарида шуд**: Вобаста ба доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалия муаллиф дар консепсияи илмии худ бо дарназардошти он ки предмети ҷиноят наметавонад ҳаёт ва саломатии одамон бошад, пешниҳод менамояд, ки навъҳои зерини объектҳои тахрибкорӣ ҷудо карда шаванд: 1) объектҳое, ки аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд; 2) қаламрав – ҳангоми содир намудани амалҳое, ки ба олудагии радиоактивӣ нигаронида шудаанд; 3) ҳайвонот – ҳангоми содир кардани амалҳое, ки ба заҳролудии оммавӣ ё паҳн шудани эпизоотия нигаронида шудаанд; 4) рустаниҳо – ҳангоми иҷрои амалҳое, ки ба паҳн шудани эпифитотия нигаронида шудаанд

- **муаррифӣ карда шуд**: дар диссертатсия зарурати такмили моддаи 309 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, пешниҳоду тавсияҳои мушаххаси илмӣ ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба таҳдидҳои муосири амниятӣ, аз ҷумла тахрибкории киберӣ, биологӣ, экологӣ ва иттилоотӣ таҳия шудаанд. Ҳамчунин пешниҳодҳои илмӣ оид ба криминализатсияи шаклҳои нави тахрибкорӣ, ташкили гурӯҳҳои тахрибкорона, гирифтани таълимоти тахрибкорона ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар шароити ҷангӣ ироа гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор гиранд.

- **асоснок шудааст**, ки асоси ҳуқуқии криминализатсияи тахрибкорӣ дар давлатҳои узви ИДМ Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ мебошад. Дар

асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушахас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ–ҷиноят тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрикборӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия алоқаманд аст; тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст. Дар асоси таҳлили КҶ давлатҳои узви ИДМ пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ таркибҳои нав, ки бо тахрибкорӣ алоқамананд, муқаррар карда шавад.

- **истифода шудаанд:** Истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

- **муайян шудаанд:** Тарафи субъективии тахрибкорӣ бо ду хусусияти ҳатмӣ тавсиф карда мешавад: 1) гуноҳ дар шакли қасдан бевосита ва 2) мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ. Ангеза ва ҳолати эмотсионалӣ аломати факултативии тарафи субъекивии тахрибкорӣ мебошад, ки метавонанд ҳангоми баровардани ҳукм аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта бошанд. Мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ аломати ҳатмии тарафи субъективии тахрибкорӣ мебошад, ки ба бандубасти тахрибкорӣ ва ҷудо кардани он аз ҷиноятҳои монанд таъсири назаррас мерасонад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ он ба таври дигар фаҳмида мешавад. Дар ин замина, пешниҳод карда шудааст, ки мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ дар тахрибкорӣ ҳамчун маҳдуд кардани имконоти давлат барои иҷрои вазифаҳо ва уҳдадориҳои конститутсионии муайянкарда дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон фаҳмида шавад ва ҳангоми дар амал татбиқ кардани он бо истинод ба моддаи мушаххаси Конститутсия муайян карда шавад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, омори Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои азэътибор соқитшудаи замони Шӯравӣ ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳия ва баррасии мустақилонаи масъалаҳои илмии мавриди омӯзиш, таҳлили назарияву ақидаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, такмили мафҳумҳои марбут ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷинояти тахрибкорӣ, инчунин дар коркарду пешниҳоди хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснок таҷассум меёбад. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмии нашршуда ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ маҳсули фаъолияти мустақилонаи муаллиф мебошанд. Илова бар ин, мазмуну муҳтавои масъалаҳои таҳқиқшуда ва тарзи таҳлилу баррасии онҳо аз саҳми мустақим ва мустақилонаи муаллиф дар анҷом додани таҳқиқоти мазкур шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 23-юми майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Қурбонзода Афзуна Азим дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**23-юми майи соли 2026**